

***Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳими тавсеаи рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст.***

**Эмомалӣ Раҳмон**

**Шартҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди татбиқи ҳадафҳои соли таҳсили 2015 -2016 эълон гардидани соли Саҳмгузории кормандон ва донишҷӯён барои рушди инноватсионии донишгоҳ ва натиҷагирии беназир оиди корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва татбиқи Консепсияи рақобатпазиргардонӣ ва рушди инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон то соли 2020**



хабаргузории
ОЗОДАГОН

РУССКИЙ | فارسی (ФОРСӢ) | Ҷумъа 3 январ 2014, 09:28

НОМАҲОИ ХУДРО ФИРИСТЕД

www.ozodagon.com/13952-donishgoi-tehnologii-toikiston-dar-ferasti-betarin-muassisaoi-oliii-sn

РУССКИЙ | فارسی (ФОРСӢ) | Ҷумъа 3 январ 2014, 09:28

Асосӣ | Осиёи Марказӣ | Сиёсат | Иҷтимоӣ | Иқтисодӣ | Аксҳо | Видео | Муҳоҷир | Озмуни футбол | Дин | Интихобот

**Осиёи Марказӣ » Тоҷикистон**

# Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар феҳрасти беҳтарин муассисаҳои олии СНГ

17 декабр 2013, 18:23

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) дар феҳрасти беҳтарин муассисаҳои олии таълимии Иттиҳ давлатҳои мустақил (ИДМ) зинаи 195-умро муаррифӣ мекунад.

Ин раддабандӣ аз сӯи хабаргузории Интерфакс тартиб дода шуда, онро торнамои univer-rating.ru на кардааст. Ҳамагӣ дар рейтинг 200 муассисаи олии таълимӣ аз кишварҳои ИДМ ва Балтик шомил гардидаанд. Аз кишварҳои Осиё Марказӣ 19 муассисаи олии таълимӣ - Қазоқистон (12), Қирғизистон (3) Тоҷикистон (1) ва Узбакистон (1) вориди ин рейтинг шудаа

Дар садри рӯйхат Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. Ломоносов нишастааст. Мақоми дуюмро Донишгоҳи давлатии Белору худ ихтисос дода.

Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи ал-Форобӣ дар мақоми 20-ум ҷой дорад. Донишгоҳи миллии АвруОсиё ба номи Л. Н. Гумилевро дар ҷои 53 ва Донишгоҳи миллии техникии ба номи К. И. Сатпаевро дар зинаи 70 дидан мумкин аст.

Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ба номи И. Арабаев зинаи 73 ва Донишгоҳи техникии Қазоқистону Бритониё ҷои 82-ро муаррифӣ мекунанд.

Донишгоҳи техникии Қирғизистон ба номи И. Раззоқов 113, Донишгоҳи миллии Узбакистон ба номи М.Улуғбек дар мақоми 142-и рӯйхати Интерфакс мебошанд.

Барои ширкат дар рейтинги мазкур донишгоҳ бояд на камтар аз 2000 донишҷӯ дошта бошад, ки дар шӯъбаи рӯзона таҳсил кунанд. Муассисаи олии таълимиро зарур аст дар рейтинги байналмилалии сайтҳои донишгоҳҳо – Webometrics ширкат намояд. Дар рейтин муассисаҳои олии таълимии мақомоти ҳарбӣ, санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва филиали донишгоҳҳо ширкат карда наметавонанд.

Хабарҳо

## Мақоми 151-и Донишгоҳи технологӣ миёни 400 донишгоҳи ИДМ

Радиои Озодӣ
ozodi.org



18.12.2013 13:00

# Мақоми 151-и Донишгоҳи технологӣ миёни 400 донишгоҳи ИДМ

Хабаргузории русии "Интерфакс" рейтинг ва ё раддабандии 400 донишгоҳи кишварҳои узви ИДМ, кишварҳои Балтик ва Гурҷистонро баргузор кардааст. Аз Тоҷикистон дар ин раддабандӣ се донишгоҳ шомил шудаанд. Ҷои аз ҳама «боло»ро аз донишгоҳҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи технологӣ гирифтааст. Ин донишгоҳ дар байни 405 донишгоҳ ҷойи 151-умро гирифтааст. Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ин раддабандӣ мақоми 301-умро ишғол кардааст. Коршиносони хабаргузории «Интерфакс» ин раддабандиро бар пояи се нишондиҳанда: фаъолияти таълимӣ, фаъолияти тадқиқотӣ ва фаъолиятҳои байналмилалӣ, баҳогузорӣ кардааст. Панҷ мақоми аввалро дар ин раддабандӣ Донишгоҳи давлатии Маскав, Донишгоҳи давлатии Белорус, Донишгоҳи давлатии Санкт-петербург, Донишгоҳи миллии Тарас Шевченкои Киев ва Донишгоҳи Вилнюси Литва ишғол кардаанд.

Аз лиҳози татбиқи ҳадафҳои соли таҳсили 2015 -2016 ректорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои ҷалби донишҷуён ва саҳмгузории онҳо оиди раисдан ба ҳадафҳои гузошташуда чунин шартҳои ҳавасмандагардониро пешниҳод менамояд:





**Таъсис намудани 100 ҷоизаи Шӯрои олимон ва ректорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ҳаҷми 300 сомонӣ ҳар яке дар аллоҳидагӣ барои беҳтарин дастовардҳои зеҳнӣ, ихтироот, навоварӣ, забондонӣ, барномасозии компютерӣ, иштирок дар олимпиадаҳо, барномаҳои байналмилалӣ, форумҳо ва дигар озмунҳо;**



**Таъсис намудани ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрӣ аз ҷониби ректор, проректорон, деканони факултетҳо ва дилхоҳ кормандону омузгороне, ки оиди икдоми мазкурро дастгирӣ менамоянд;**



**Таъсиси ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрӣ аз ҷониби корхонаҳои бонуфузи ватанӣ ва баронмаҳои байналмилалии дастирии таҳсилоти олӣ ва истеъдодҳо;**



**Барои соҳиб гаштан ба ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрии таъсисдодашуда:**

1. Гуруҳҳои академие, ки аз рӯзи 26.10.2015 то 31.12.2015 мунтазам дар машғулиятҳо иштирок менамоянд ва нишондоди омории ба машғулият ширкат накардан ба ҳар як донишҷӯ аз 4 соат кам мебошад, гуруҳи мазкур ҳуқуқи дар семестри такрорӣ бе маблағгузории иловагӣ бартараф намудани қарзҳои академиро доранд. Ба ғайр аз ин агар ҳаммаи донишҷӯён тамоми корҳои нимсолаи мустақилонаи фанниро супорида бошанд, гурух ҳуқуқи супоридани итиҳонҳои имтиёзнок дар раванди рақобатпазириро пайдо мекунад.



**2. Донишҷӯе, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва ё ихтироот дорад, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда, инро дар Маркази мониторинги рақобатпазирии донишҷӯ дар бозори озоди меҳнат исбот менамояд, сазовори ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрии факултет мегардад.**

3. Донишҷӯёне, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва ё ихтироот дорад, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда ғолиби озмуни бозии шоҳмот дар сатҳи факултет мегарданд, сазовори ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрии департаментҳо ва Маркази мониторинги рақобатпазирии донишҷӯ дар бозори озоди меҳнат мегардад.

4. Донишҷӯёне, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ё эҷодӣ ва ё ихтироот дорад, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда, дорандагони сертификатҳои фанҳои тахассусиро мебошанд, сазовори ҷоизаҳои махсус ва титулҳои фахрии департаментҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мегарданд.



**5. Донишҷӯёне, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва ё ихтироот доранд, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда, соҳиби як сертификати бармасозии компютерӣ мебошанд, ба ҷоизаи декани факултет сарфароз гардонида мешаванд.**

6. Донишҷӯёне, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва ё ихтироот дорад, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда, ғолиби олмипиадаҳои гуногун мебошанд ва ду забони барномасозии компютериро медонанд сазовори ҷоизаи проректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мегарданд.



**7. Донишҷӯёне, ки ҳам лоиҳаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва ё ихтироот дорад, донандаи на кам аз 3 забони хориҷӣ (ба ғайр аз забони давлатӣ) буда, дар ягон самти фаъолияти корхона, ширкат ва ё вазорат дастовардҳои зеҳнии худро татбиқ намуда, шаҳодатномаи зеҳнӣ дорад, сазовори ҷоизаи ректорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мегардад.**

**8. Дар ҳолати ба унвонии ректори донишгоҳ пешниҳод намудани лоиҳаҳои эҷодӣ ва ё инноватсионии фардӣ ва гуруҳӣ, НОУ ХАУ – ҳо, ки барои пешрафти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таваҷҷуҳпазиранд ва метавонанд мавриди истифода қарор гиранд, сазовори ҷоизаҳои ректори донишгоҳ мегарданд.**

9. Донишҷуёне, ки ғолибони чемпионатҳои шоҳмотбозӣ дар сатҳи гуруҳи академӣ мегарданд аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ бо 5 холи иловгӣ сарфароз гардонида мешаванд ва тамоми имтиҳонҳои такрориро агар чунин ҳолат руй диҳад бе маблағгузории такрорӣ месупорад. Чунин имтиёз ба донишҷӯёне, ки ягон ихтироот ва ё навоварии таваҷҷӯҳпазири тахассусӣ пешниҳод менамоянд низ татбиқ карда мешавад.



**10. Донишҷуёне, ки ғолибони чемпионатҳои шоҳмотбозӣ дар сатҳи факултет мегарданд аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ бо 8 холи иловгӣ сарфароз гардонида мешаванд ва тамоми имтиҳонҳои такрориро агар чунин ҳолат руй диҳад бе маблағгузории такрорӣ месупорад. Чунин имтиёз ба донишҷӯёне, ки ягон ихтироот ва ё навоварии тавачҷӯҳпазири тахассусӣ пешниҳод менамоянд низ татбиқ карда мешавад.**



**11. Донишҷуёне, ки ғолибони чемпионатҳои шоҳмотбозӣ дар сатҳи донишгоҳ мегарданд аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ бо 10 холи иловгӣ сарфароз гардонида мешаванд ва тамоми имтиҳонҳои такрориро агар чунин ҳолат руй диҳад бе маблағгузории такрорӣ месупорад. Чунин имтиёз ба донишҷӯёне, ки ягон ихтироот ва ё навоварии таваҷҷӯҳпазири тахассусӣ пешниҳод менамоянд низ татбиқ карда мешавад.**



**12. Донишҷуёне, ки ғолибони чемпионатҳои шоҳмотбозӣ дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ мегарданд бо ҷоизаҳои махсус сарфароз гардонида шуда, барои супоридани имтиҳонҳои даврӣ дар муҳлатҳои имтиёзнок дар раванди рақобатпазирӣ иҷозат дода мешаванд.**

**13. Донишҷуёне, ки аз 01.09.2015. то 31.12.2015 на зиёда аз 4 соат дарсшиканӣ доранд, бо пешниҳоди факултет довталаби гирифтани баҳои то B+ дар хадамоти имтиҳонии факултет бошанд.**

raqobat-21tut.tj

